*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, (суроға 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак, бинои таълимии 8)*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Бахтиёри Изатулло Муродзода дар мавзуи “Такмили механизми рушди комплекси агроозуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар маводи минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор), аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ.**

Дар шароити ҳамгироии муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ байни давлатҳои ҷаҳон яке аз муҳимтарин масъалаҳо, ки амнияти иқтисодӣ ва рушди босуботи муносибатҳои иқтисодию иҷтимоиро кафолат медиҳад, ин рушди комплекси агросаноатӣ мебошад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи рушди комплекси агросаноатӣ то рафт муҳим ва бахши калидии сохтори хоҷагии кишлоқ боқӣ мемонад. Дар робита ба ин ва дигар нуктаҳои муҳим, ки аз муҳиммияти масъала гувоҳӣ медиҳанд ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки Бахтиёри И.М. вобаста ба самти таҳқиқоти илмии худ интихоби дуруст намудааст.

Натиҷаҳои илмии Бахтиёри И.М., ки дар автореферати диссертатсия матраҳ шудаанд, арзиши илмии баланд доранд ва дар амалия ҷиҳати беҳдошти вазъи таъмини амнияти озуқаворӣ дар асоси рушди муҷтамаи агроозуқаворӣ заминаи хуб гузошта метавонанд. Лозим ба ёдоварист, ки сохтори автореферат тибқи талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод шудааст.

Муаллифи рисола бо таваҷҷуҳ ба ҷанбаҳои назариявию методӣ масъалаҳои алоқаманд бо ташаккули равандҳои ҳамгироӣ дар КАС ва зеркомплексҳои онро хуб арзёбӣ намуда, хусусиятҳои ташаккулу марҳилаҳои рушди комплекси агроозуқаворӣ дар низоми муносибатҳои ҳамгироӣ дар КАС-ро ошкор намудааст. Илова бар ин, тибқи маълумотҳои автореферат маълум мегардад, ки муаллиф 60-70 соли таҷрибаи ташкил ва рушди комплекси аргосаноатиро вобаста ба таҷрибаи Америкои Шимолӣ, Аврупои Ғарбӣ ва собиқ Иттиҳоди Шуравӣ омӯхта, рушди занҷираи истеҳсолу коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва то ба истеъмолкунанда расонидани онро аз ҷумлаи иқдомҳои наҷиби таъмини агроозуқаворӣ тавсия намудааст.

Муаллифи рисолаи мазкур дар заминаи таҳлилу омӯзишҳои назари олимони соҳавӣ, маҷмуи омилҳои ба ташаккул ва равнақи ҳамгироиҳои агросаноатӣ, аз ҷумла комплекси агроозуқаворӣ таъсирбахшро мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор додааст, ки вобастагӣ ва таъсири мутақобилаи онҳо дар шакли схемавӣ дар расми 2 ишора шудаанд.

Бахтиёри И.М. дар асоси таҳлил ва баҳогузории нишондиҳандаҳои муайянкунандаи ҳолати кунунии соҳаи мазкур аз маълумотҳои эътимодноки илмӣ истифода намуда, дастовардҳо ва мушкилотҳои соҳаро дар тули 5-7 соли охир муайян ва пешниҳод намудааст. Аз ҷумла, муаллиф қайд намудааст, ки дар баробари муваффақиятҳои комплекси агросаноатӣ дар муҷтамаи озуқавории кишвар баъзан мушкилотҳои муҳим вуҷуд доранд ва онҳоро гурӯҳбандӣ намудааст:

Ҳамин тариқ, муаллиф мушкилот ва имконниятҳои рушди соҳаро мавриди баррасӣ қарор дода, дар танзими муносибатҳо ва таъмини самаранокии соҳа, такмили низоми идоракунии КАС, аз ҷумла КАО тавсияҳо намуда, дар амалигардонии ин самти фаъолият нақш ва мақоми идоракунии давлатиро муҳим арзёбӣ намудааст, ки бо муаллиф комилан розӣ шудан мумкин аст.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбии рисолаи мазкур, мехостам баъзан тавсияҳоро пешниҳод намоям, ки метавонанд ба арзиши илмию амалии таҳқиқот таъсири мусбӣ расонанд:

1. Хуб мешуд, ки муаллиф дар раванди таҳқиқот дараҷаи таъсири омилҳоро дар асоси истифодаи усули таҳлили коррелятсия баҳогузорӣ мекард.
2. Ба андешаи мо, агар муаллиф аз усули мушоҳидабарӣ ва пурсиши сотсиологӣ истифода карда, талаботи хонаводаҳоро дар минтақаи интихобнамудааш аз рӯйи 5-10 номгӯи маҳсулоти озуқаворӣ баҳогузорӣ мекард, хуб мешуд.

Дар маҷмуъ матни автореферат ва мақолаҳои илмии нашршудаи муаллиф гувоҳӣ медиҳанд, ки кори дисертатсионӣ асари анҷомёфта ва мукаммали илмию таҳқиқотӣ ба шумор рафта, комилан ҷавобгӯйи талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Муаллифи он, яъне Бахтиёри И.М. сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) мебошад.

**Тақризнавис:** номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсенти кафедраи иқтисодиёти комплекси
агросаноатии Донишгоҳи аграрии
Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шотемур Бобозода Ш. Қ.

**Бобозода Шариф Қаноатшо**
**Тел: (+992) 918-31-36-37**
E-mail: sharif73-73@mail.ru

**Имзои Бобозода Ш. Қ.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва
кадрҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Абдуҳалимзода Н.

**Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146